Ҷавоб

ба мақолаи дар сомонаи “Радиои Озодӣ” зери сарлавҳаи “Дарс диҳем ё ба суоли муфаттишон посух гуем?”

Прокуратураи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон мақолаи дар сомонаи “Радиои Озодӣ” зери сарлавҳаи “Дарс диҳем ё ба суоли муфаттишон посух гуем?”-ро мавриди омӯзиш қарор дод.

Дар мақолаи мазкур норозигии омӯзгорони мактабҳои шаҳри Хоруғ аз санҷишҳои мунтазами кормандони прокуратура, аз ҷумла санҷиши фаъолияти омӯзгорон, ба дарсҳо даромадан ва ба хонандаҳо додани саволҳои назарфиреб, тафтиш кардани журнали синфӣ ва конспектҳои омӯзгорон ба нашр расида, оиди беасос ба муассисаҳои таълимӣ ташриф овардани кормандони прокуратура изҳори назар кардаанд.

Тибқи талаботи моддаи 5 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон” назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардидаанд, аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатї, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд, яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад.

Прокуратураи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон тибқи ваколатҳои пешбинигардидаи Қонуни зикргардида ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои ноболиғон ва таъмини ҳуқуқҳои онҳо дар асоси нақшаҳои корї ҳолати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро дар муассисаҳои таълимӣ мавриди санҷиш ва чораҷӯӣ қарор дода, нисбати нафарони ба қонунвайронкунӣ роҳдода чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ андешида, ба мақомоти ваколатдор барои баррасӣ ирсол намудааст.

Гузашта аз ин, дар мақолаи мазкур назари раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Одиназода ва масъулини дафтари матбуотии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди оне, ки “кормандони прокуратура дар асоси нақшаи тасдиқшуда метавонанд танҳо дар ду сол як дафъа дар мактабҳо санҷиш гузаронанд, кормандони прокуратура дар сурате, ки фармон ҷиҳати иҷрои нақша вуҷуд дошта бошад ва замони санҷиш муайян бошад,

метавонанд татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар муассисаҳои таълимӣ санҷанд, на ин ки ҳар вақте хоҳанд. Аз ҷониби дигар ба андешаи онҳо санҷишҳо бояд тавре сурат гиранд, ки ба раванди таълиму тарбия халал нарасонанд." оварда шудааст.

Онҳо ваҷҳҳои худро бо дарназардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" иброз кардаанд.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор", ки доираи амали онро муайян намудааст, муќаррароти Ќонуни мазкур нисбат ба санљишњои дар доираи назорати прокурорї, аудити Палатаи њисоби Љумњурии Тољикистон, назорати давлатии молиявї ва мубориза бо коррупсия, ќонунгузории бонкї, мурофиавии љиноятї, андоз, гумруки Љумњурии Тољикистон ва фаъолияти оперативию љустуљўї танзимшаванда татбиќ намегарданд.

Ҳангоми гузаронидани санҷишҳои прокурорӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳри Хоруғ аз тарафи кормандони прокуратура раванди таълиму тарбияи хонандагон халалдор нагардида, санҷишҳо тибқи талаботи қонунгузории ҷорӣ ба роҳ монда шудаанд.

Инчунин аз ҷониби як нафар омӯзгори собиқадор муҳокимаронї кардани он, ки "Вақте муфаттишон меоянд, муаллим даступо мехӯрад ва наметавонад дуруст дарс диҳад", ин нишонаи ба дарс ба тариқи дахлдор омода набудани бархе аз омӯзгорон мебошад.

Қобили қайд аст, ки дахолат кардани мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, воситаҳои ахбори омма ва намояндагони онҳо, инчунин шахсони мансабдор ба фаъолияти прокуратура дар амалӣ намудани назорат ба иљрои қонунҳо, тафтиши ҷиноятҳо ва дигар қонунвайронкуниҳо манъ аст.

Прокуратураи Вилояти Мухтории Куҳистони Бадахшон минбаъд низ фаъолияти худро дар ин самти назорати прокурорӣ идома дода, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо чораҳои муассир меандешад.

Дар ҳолати ҷой доштани қонунвайронкуниҳо, инчунин аз тарафи кормандони прокуратураи вилоят ҳангоми гузаронидани санҷишҳо роҳ додан ба вайронкунии талаботҳои Кодекси одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ, шаҳрвандон метавонанд ба телефони боварии прокурори ВМКБ 8-3522-2-26-41 муроҷиат намоянд.

Прокурори ВМКБ
Орифзода П.Р.